# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Забон яке аз падидаҳои мураккаби ҷамъиятист ва омӯзиши он бешак ба дарки комили печидагиҳояш кӯмак мерасонад. Назму низоми забон бошад масъалаҳои зиёдеро дар бар гирифта, онҳо дар чаҳорчӯбаи шохаҳо ё ин, ки зерсистемаҳояш аз ҷумла, дар доираи фонетика, луғатшиносӣ, грамматика, услубшиносӣ ва ғайра омӯхта мешаванд. Пажуҳиши ҳама ҳиссаҳои номии нутқ дар забон ва махсусан дар шакли муқоисавӣ бо дигар забонҳо зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ҷумла, сохтор, маъно, навъҳо, истифода ва мутобиқати сифатҳо махсусан сифатҳои аслӣ дар адабиёти бадеӣ, нутқи шифоҳӣ, қолабҳои услубӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигари хориҷӣ, махсусан забони фаронсавӣ.

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович, ки дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» таҳия гардидааст, далели гуфтаҳои боло мебошад. Зеро дар чаҳорчӯбаи муқоисаи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ чанд паҳлуи сифатҳои аслӣ – сохтор, хусусияти маъноӣ, хусусияти наҳвӣ ва дигар қисматҳои ин ҳиссаи нутқ дар доираи ду забони низомашон гуногун, муайян гаштаанд, ки бешак дар омӯзиши минбаъдаи илмӣ забоншиносии муқоисавӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Интихоби мавзуъ саривақтӣ ва хело муҳим буда, дар забоншиносии муосир ба таҳқиқи навъи луғавӣ – семантикии сифатҳои аслӣ дар шакли муқоисавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир нагардидааст ва ин аввалин таҳқиқот ба шумор меравад, ки ба муқоисаи баъзе аз паҳлуҳои сифатҳои аслии забонҳои

тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шуда, аз навоварии кори таҳқиқотӣ дарак медиҳад.

Сохтори диссертатсия мураккаб набуда, аз муқаддима, се боб, хулосаҳои ҳар як боб, хулосаи умумии кор ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ омода гардида, тамоми бандҳои дар Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро фаро гирифтааст.

**Дар боби якуми** диссертатсия, ки «Заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ» номгузорӣ шудааст, ду масъалаи муҳим дар ду зербоби он баррасӣ шудааст. Якум масъала мафҳуми «сифат» дар забоншиносӣ мебошад. Дар зербоби мазкур муаллиф дар бораи сифат ва мафҳуми он дар забоншиносӣ маълумот дода, ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дорои хусусиятҳои семантикӣ-маъноӣ, сарфӣ ва наҳвӣ доштани онро дар забонҳои мавриди таҳқиқ, муайян намудааст. Ҳамин тавр алоқаи зич доштани сифатро бо исм маълум намуда, қайд мекунад, ки исм агар предмет, ашё ва ё шахсро ифода кунад, сифат ифодакунандаи чигунагии онҳо ба шумор меравад. Сифат мегуяд муаллиф, дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дорои хусусиятҳои зерини грамматикӣ мебошад:

1. Хусусияти маъноӣ, 2. Хусусияти наҳвӣ.

Ҳамчун дорои хусусияти семантикӣ-маъноӣ сифат аломат, хосияту вазъият ва нисбату ҳолати исмро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ифода мекунад. Муаллифи диссертатсия оид ба масъалаи мазкур чунин ибрози ақида менамояд: Оид ба хусусияти сарфии сифат қайд карданием, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муҳимтарин аломати сарфии сифат соҳиб будани он ба дараҷаҳои муқоисавӣ ва олӣ ба шумор меравад: Ҳар як авар медонад, ки гӯшти гӯсфанди сиёҳ назар ба гӯсфанди зард ё сафед ***ширинтар*** аст [190, с.56]. - Les Avars savent bien que la chair d’un mouton noir est ***plus parfumée*** et ***plus douce*** que celle d’un mouton gris ou d’un mouton blanc [198, c.53]. Муҳаммадаминбой ***беҳтарин*** чорбоғҳо, ***ҳосилхезтарин*** заминҳои ин қишлоқ ва атрофи онро ба дасташ

гирифта буд [189, с.42]. - Mouhammad-Amin-baï s'était emparé des ***meilleurs*** vergers, de terres ***les plus fertiles…*** [199, c.52].

Доир ба хусусияти наҳвии сифат бошад муҳаққиқ чунин қайд менамояд: Дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ сифат дар ҷумла пеш аз ҳама ба вазифаи муайянкунанда омада, дар чунин маврид ибораи тавсифӣ низ метавонад ҳосил шавад: Вақти таваллуд шудани ман падарам оини номгузориро ба ҷо оварда, ба хона **одамони мӯътабари** авулро таклиф кардааст [190, с.24]. - Lorsque je naquis, mon père invita chez lui **les gens les plus honorables** de l'aoul afin qu'ils se livrent à la cérémonie du choix d'un nom [198, c.27].

Оид ба масъалаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бошад муаллиф аввалин мулоҳизаҳои дар ин хусус баёншударо, ки ба нимаи асри XIX тааллуқ дорад, дар кори хеш дарҷ карда, дастовардҳои баъзе аз забоншиносонро ба монанди Берёзин И.Н., Мирзо Ҷ., Залеман К.Г., Жуковский В.Л., Жирков Л., Бертелсь Е.Э. ва дигаронро қайд менамояд.

**Боби дуюми** диссертатсия ба «Вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» бахшида шуда, аз шаш зербоб иборат мебошад. Диссертант масъалаи таҳлили семантикӣ-грамматикии сифатро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз сохтори семантикӣ – морфологии сифат дар забонҳои мавриди таҳқиқ, дараҷаҳои сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, ифода гардидани дараҷаҳои сифат бо роҳи синтетикӣ, ба воситаи таркибҳо ифода гардидани дараҷаи муқоисавии он дар забонҳои мавриди таҳқиқ, бо муқоиса якҷо омадани пешоянди аз дар забони тоҷикӣ ва пешоянди **de** дар забони фаронсавӣ ва ҳамчунин бо ишора намудани дараҷаи олии сифат дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ, оғоз бахшида, дар тақвияти таҳқиқоти мавҷуда бо усули муқоисавӣ назари худро пешниҳод менамояд.

Маликов Абдулвоҳид зимни таҳлили семантикӣ-грамматикӣ аз рӯйи принсипи ба роҳ монда шуда сифатҳоро дар ду забон бо мисолҳои маводи адабиётӣ бадеӣ қоллаббандиву таҳлил намудааст.

**Дар боби сеюм** масъалаи «Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар ин росто муаллифи диссертатсия қайдҳои ҷолиби диққат намуда чунин баён мекунад: Сифат ҷузъи муҳими ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Вай хусусият, ҳолат ва чигунагии шахс, ҳайвонот ва ашёро ифода карда, вазифаи асосии синтаксисии он ташаккули муайянкунанда, хабар ва ҳоли тарзи амал мебошад. Сифат дар гурӯҳи синтаксисии худ категорияҳои маъноиро ба монанди навъи хусусият, маҳдудияти аломат, дараҷаи муқоисавӣ-ро низ татбиқ мекунад [с.104].

Ҳамчунин оид ба муайянкунанда шуда омадани сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, ба вазифаи хабар омадани сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, сифат ҳамчун ҳоли тарзи амал дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, тафовуту монандии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян менамояд.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф аз таҳлилу баррасии мавзуи мазкур хулосабарорӣ намуда, нуктаҳои асосии зимни омӯзиши мавзуи мазкурро зикр менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 21 мақола инъикос гардидаанд, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо бамаврид аст:

1. Дар доираи сифатҳои таъкидии забони тоҷикӣ муродифоти онҳо дар қисмати забони фаронсавӣ матраҳ нагардидаанд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» кори комилан бaанҷомрасида буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳусейнова Г. А.

«Имзои Ҳусейнова Г. А. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, к.Нахимов 16/14